**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзӯи «Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Рушди муносибатҳи бозорӣ такмили танзими давлатии сармоягузории соҳаи кишоварзиро талаб менамояд, чунки рақобатпазирии корхонаҳои соҳа ва маҳсулоти он низоми мукаммали танзими давлатиро талаб менамояд. Хусусан дар шароити кунунӣ, ки бо таъсири омилҳои гуногун имконияти таъмини талаботи аҳолӣ бо маводи озуқа мушкил гардида истодааст, васеъ намудани сармоягузории соҳаи агросаноатӣ роҳи ҳалли мушкилӣ хоҳад буд. Вобаста ба ҳолатҳои зикршуда мавзӯи диссертатсия дар яке аз мавзӯҳои актуалӣ омода карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ нишон дода шудааст. Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст, дар бандҳои навгонӣ инъикос карда шудаанд. Муҳаққиқи рисолаи номзадӣ тавонистааст таҳаввулоти назариявии танзими сармоягузории минтақавиро таҳлил намуда, равишҳои асосиро оид ба моҳияти сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ, объектҳо ва субъектҳо, манбаъҳои маблағгузорӣ, инчунин хусусиятҳои онҳоро дар шароити кишоварзии минтақа такмил диҳад.

Таҳлил ва табақабандии васеи мафҳуми «сармоягузорӣ» низ дар автореферат нишон дода шудааст. Аз нигоҳи муаллиф сармоягузорӣ ин ҳамаи намуди маблағгузориҳо ба шаклҳои моликият ва арзишҳои зеҳнии субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади таъмини фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият, гирифтани даромад ва дигар манфиатҳо мебошад. Ҳамчунин дар автореферат қайд карда мешавад, ки дар марҳилаи кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ бояд соҳаи инноватсия

бошад, ки он бо рушди босуръати пешрафти илмию техникӣ ва сатҳи баланди рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ алоқаманд аст.

Дар дигар банди навгонӣ муҳаққиқ ҳолати муосири фазои сармоягузорӣ ва фаъолгардонии сармоягузориро дар соҳаи кишоварзии минтақаҳо муайян намуда, омилҳои манфии таъсиррасонро ошкор кардааст. Аз нигоҳи муаллиф ба сифати омилҳои манфӣ гаронии зиёди андоз дар корхонаҳои кишоварзӣ, меъёри баланди қарзҳо ва сатҳи пасти дастрасӣ ба инфрасохтори зарурии корхонаҳои мазкур баромад мекунанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат баъзе аз норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, аз ҷумла:

а) дар ҷадвали 2, муаллиф корхонаҳои кишоварзии минтақаро аз рӯи сатҳи ҷолибияти сармоягузориашон гурӯҳбандӣ кардааст. Аммо таснифоти овардашуда бо маълумоти воқеии минтақа дар сатҳи барои таҳқиқот лозима асоснок нагардидааст, ки ҳолати мазкур барои ба даст овардани натиҷаҳои муносиби таҳлилӣ нисбатан монеа эҷод менамояд.

б) боби дуюми диссертатсия, ки ҳолати муосир ва асосҳои институтсионалии сармоягузории кишоварзии вилояти Хатлонро дар бар мегирад, вобаста ба ин, хуб мешуд агар муаллиф оиди самти мазкур дар автореферат маълумоти нисбатан пуратарро ҷой медод.

Камбудиҳои дар автореферати диссертатсия ҷойдошта характери тавсиявӣ доранд ва онҳо наметавонанд аҳамияти илмии таҳқиқотро ихтисор намоянд.

Ҳамин тавр, қайд кардан ба маврид аст, ки мазмуну муҳтавои автореферат пурра ба матни диссертатсия мувофиқат менамояд, мақолаҳои муаллиф ба мазмуни автореферат мувофиқ мебошанд ва Саидаҳмадов Ф.Б. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи идоракунии
давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷурабоев Ғ.Ҷ.

Имзои Ҷурабоев Ғ - ро тасдиқ мекунам,
сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.